# Х У Л О С А И

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи чорабинии аудиторӣ вобаста ба баҳодиҳии ҳисоботи солонаи маҷмӯии иҷрои буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав дар солҳои 2024-2025.

**1.** Хулосаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти моддаҳои 1, 7, 27, 28 ва 41 Қонун “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва моддаи 65 Қонун “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав дар солҳои 2024 - 2025, чорабинии аудитории анҷомдодашуда дар Раёсати Вазорати молия ва Нозироти андози ноҳия вобаста ба баҳодиҳии ҳисоботи солонаи маҷмӯии иҷрои буҷети маҳаллӣ ва аз натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия дар солҳои 2024-2025, омода гардидааст.

**2.** Дар соли 2024 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ноҳияи Шаҳринав мусбӣ арзёбӣ гардида, маҷмӯи маҳсулоти минтақавии ноҳия ба 799,3 млн сомонӣ баробар ва афзоиши он 9,3 фоизро ташкил намудааст.

2.1. Тайи давраи зикршуда, афзоиши маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъмин гардида, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба маблағи 55,6 млн сомонӣ ё 2,3 фоиз, кишоварзӣ 743,7 млн сомонӣ ё 9,8 фоиз, савдо 200,1 млн сомонӣ ё 6,9 фоиз, сохтмон 34,7 млн сомонӣ ё 43,7 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба маблағи 43,7 млн сомонӣ ё 2,3 фоиз нисбат ба соли 2023 афзудааст.

2.3. Дар соли 2025 нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии ноҳия мусбӣ арзёбӣ гардида, маҷмӯи маҳсулоти минтақавии ноҳия 976,2 млн сомониро ташкил дода, афзоиши он нисбат ба соли 2024 – 22,1 фоизро ташкил намудааст.

2.4. Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ дар умум афзоиш ёфта, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба маблағи 67,3 млн сомонӣ ё 21,0 фоиз, кишоварзӣ 908,9 млн сомонӣ ё 7,9 фоиз, савдо 230,9 млн сомонӣ ё 11,8 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба маблағи 48,4 млн сомонӣ ё 6,0 фоиз нисбат ба соли 2024 афзоиш ёфта, сохтмон 25,4 млн сомонӣ ё 26,8 фоиз коҳиш ёфтааст.

**3.** Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2021-2025 бо қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 25.12 соли 2020 №50 тасдиқ гардидааст.

3.1. Барнома аз 190 лоиҳа иборат буда, арзиши умумии лоиҳаҳои он ба маблағи 382,3 млн сомонӣ, аз ҷумла аз буҷети ҷумҳурявӣ 41,9 млн сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 3,9 млн сомонӣ, бахши хусусӣ 302,2 млн сомонӣ ва аз ҳисоби шарикони рушд 34,3 млн сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

3.2. Ба ҳолати 01.01 соли 2026 аз лаҳзаи қабули Барнома 148 лоиҳа бо пуррагӣ иҷро гардида, дар 18 лоиҳа корҳо идома дошта, дар ин самт маҷмӯан 305,3 млн сомонӣ равона гардидааст, ки 79,9 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

3.3. Дар таркиби он аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 3,9 млн сомонӣ ё 100,0 фоиз, буҷети ҷумҳуриявӣ 26,7 млн сомонӣ ё 63,7 фоиз, бахши хусусӣ 291,3 млн сомонӣ ё 96,4 фоиз, шарикони рушд 14,8 млн сомонӣ ё 43,1 фоиз таъмин гардида, иҷрои 24 лоиҳа ба маблағи 39,9 млн сомонӣ таъмин нагардидааст.

3.4. Хулоса, яке аз сабабҳои пурра таъмин нагардидани иҷрои лоиҳаҳо, ин зимни таҳияи барнома ба инобат гирифта нашудани талаботи Тартиби таҳияи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал дар самти низоми таҳия ва пешниҳоди барнома, раванди мувофиқаи барнома бо мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва асоси воқеӣ надоштани сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи лоиҳаҳои дар барнома пешбинишуда ба ҳисоб меравад.

**4.** Ҷиҳати иҷрои муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.04 соли 2021, №116 дар бораи «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 » қарори раиси ноҳия аз 06 июли соли 2021, №463 ба тасвиб расида, корҳои зеринро амалӣ гардидааст.

4.1. Бо мақсади иҷрои банди 5 Барнома оид ба баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии омӯзгорону хонандагон тибқи саволномаҳо пурсиши сотсиологӣ гузаронида шудааст. Дар ҳамаи муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳашарҳои умумӣ гузаронида шуда, барои солимии муҳити зист ҷӯйборҳо, коркарди заминҳои мактабӣ, гулу гулзор кардани муассисаҳои таълимӣ ва атрофи он тадбирҳои зарурӣ андешида шудааст. Дар муассисаҳои таълимии ноҳия утокҳои фаннӣ, навиштаҷотҳо ва овезаҳо оид ба «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 » насб карда шудааст. Илова бар ин дар муассисаҳои таълимии ноҳия бахшида ба ин мавзӯъ маърӯзаҳо, конференсияҳо дар байни хонандагон доир гардида, барои тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист дар муассисаҳои таълимӣ гурӯҳҳои «Нозирони сабз» таъсис дода шудааст.

4.2. Бо мақсади тозаю озода нигоҳ доштани муҳити зист дар доираи омодагӣ ба ҷашнҳои бақайдгирифташудаи кишвари азизамон аксияҳои «Тозагии соҳил» дар соли 2024 46 маротиба ва дар соли 2025 45 маротиба гузаронида шуда, дар чорабиниҳои мазкур сокинони маҳаллаҳои ҳамшафати объектҳои обӣ ва намояндагони корхонаю ташкилотҳои ноҳия дар умум 10731 нафар якдилона ширкат варзида, дар ҳаҷми 218м$^3$ партовҳои сахти маишӣ бароварда шуда, инчунин дар масофаи 507,5 метр дохили каналу ҷуйборҳо тоза карда шудааст.

4.3. Хулоса, арзёбии вазъи экологии аз рӯйи маълумоти масъулини бахши ҳифзи муҳити зист дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории дахлдори ноҳия пешниҳодгардида нишон дод, ки дар самти зикшуда бо аҳолӣ як қарор корҳои фаҳмондадиҳӣ ва чораҳои пешгирикунӣ аз бемориҳои сироятӣ ба анҷом

расонида шуда бошад ҳам, бо мақсади ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ тақвиятбахшии корҳо дар ин самт зарур арзёбӣ мегардад.

**5.** Дар соли 2024 барои аҳолӣ ва ташкилоту муассисаҳои ноҳия ба миқдори 103420710 кВТ/ соат барқ қабул гардида, барқи фоиданок 75313805 кВТ/ соат буда, талафоти он 27,1 фоиз ва ё 28106905 кВТ/ соатро ташкил медиҳад. Дар ин давра маблағи ҳисобшуда 25816,0 ҳазор сомонӣ, пардохтшуда бо назардошти қарздории давраҳои гузашта 24241,2 ҳазор сомонӣ ва ё 93,9 фоизи маблағи ҳисобшударо ташкил медиҳад. Маблағи қарздорӣ аз истифодаи қувваи барқ дар назди Шабака 16209,1 ҳазор сомонӣ, аз он 7441,8 ҳазор сомонӣ ба аҳолӣ, 3656,2 ҳазор сомонӣ ба корхонаҳо тааллуқ дошта, қарздорӣ аз ҳисоби муштариёни фаъолиятнадошта 51110,8 ҳазор сомонӣ мебошад.

5.1. Дар соли 2025 барои аҳолӣ ва ташкилотҳои ноҳия ба миқдори 105210395 кВТ/ соат барқ қабул гардида, барқи фоиданок 80935708 кВТ/ соат буда, талафоти он 23,07 фоиз ва ё 24274687 кВТ/соатро ташкил медиҳад. Дар ин давра маблағи ҳисобшуда 33559,3 ҳазор сомонӣ, пардохтшуда 35014,2 ҳазор сомонӣ ва ё 104,34 фоизи маблағи ҳисобшударо ташкил медиҳад. Маблағи қарздорӣ аз истифодаи барқ дар назди Шабака 14631,0 ҳазор сомонӣ, аз он 6332,7 ҳазор сомонӣ ба аҳолӣ, 3168,4 ҳазор сомонӣ ба корхонаҳо тааллуқ дошта, қарздории муштариёни фаъолиятнадошта 5129,9 ҳазор сомонӣ мебошад.

5.2. Дар соли 2025 нисбат ба соли 2024 барқи қабул гардида 1789685 кВТ/ соат, барқи фоиданок 5621903 кВТ/ соат зиёд шуда бошад ҳам, талафоти он 4,03 фоиз ва ё 3832218 кВТ/ соат кам гардидааст, инчунин маблағи қарздорӣ аз истифодаи қувваи барқ низ ба қадри 1578,1 ҳазор сомонӣ камтар шудааст.

**6.** Ҷиҳати иҷрои амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2025, №АП815 “Дар бораи солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва иноватсия” бо қарори раиси ноҳия аз 05.09 соли 2025, №441 Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон гардидани солҳои 2025-2030» барои соли 2025 тасдиқ гардида шудааст, ки аз 6 банд иборат мебошад.

6.1. Бо мақсади тақвияти коргузории электронӣ ва дастрасию баррасии саривақтии ҳуҷҷатҳо дар мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шуруъ аз 1 октябри соли 2025 ҳуҷҷатҳои хизматӣ дар ҳамаи шуъбаю бахшҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия тавассути гардиши электронӣ ба роҳ монда шудааст.

6.2. Тибқи иттилоъ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани кор дар ин самт бо Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории зич намуда, дар оянда низ тасмим гирифтааст, ки гардиши тамоми намуди ҳуҷҷатгузориро тариқи электронӣ ва муносибгардонӣ, нигоҳдории инфрасохтори технологияи иттилотию коммуникатсионӣ, табъу нашр дар сомонаҳои иҷтимоиро бо риояи санаду меъёрҳои тавсиявӣ ба роҳ монад.

**7. Буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав** барои соли 2024 дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 29.12 соли 2023, №268 аз рӯйи даромад бо дар назар доштани субвенсия 93834,0 ҳазор сомонӣ, хароҷот

94591,0 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет 757,0 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст. Даромадҳои худии буҷети маҳаллӣ 43984,0 ҳазор сомонӣ ё 46,9 фоиз ва ҳудуди 53,1 фоиз ё 49850,0 ҳазор сомонӣ буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби маблағҳои мусоидати молиявии давлат ташаккул ёфтааст. Фонди захиравии Раиси ноҳия мувофиқ ба меъёри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 219,9 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст.

7.1. Дар раванди иҷрои буҷети соли 2024 маблағҳои озоди буҷетӣ ба қадри **449,2** ҳазор сомонӣ ҷалб гардида, барои пӯшонидани хароҷотҳои бахшҳои буҷетӣ равона карда шудааст, инчунин тариқи ҳисоби байниҳамдигарӣ аз буҷети сатҳи дигар **13817,2** ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллии ноҳия ворид гардидааст.

7.2. Ҳамин тариқ, нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2024 бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридшуда 108100,3 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 110607,5 ҳазор сомонӣ ё 102,3 фоизро ташкил намудааст.

7.3. Дар ҳаҷми умумии иҷрои қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳиссаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 46537,1 ҳазор сомонӣ ё 42,1 фоиз, маблағҳои мақсадноки давлатӣ 49818,3 ҳазор сомонӣ ё 45,0 фоиз, гирифтан аз бақияи озод 449,2 ҳазор сомонӣ ё 0,4 фоиз, маблағҳои воридгардида дар шакли ҳисоббаробаркунӣ 13803,0 ҳазор сомонӣ ё 12,5 фоизро ташкил намудааст.

7.4. Мувофиқи ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети маҳаллӣ дар соли 2024 нақшаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 46537,1 ҳазор сомонӣ ё 105,8 фоиз таъмин гардида, нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 2553,1 ҳазор сомонӣ ё 5,8 фоиз маблағҳо зиёд ворид гардидааст.

7.5. Дар ин давра аз 9 намуди воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ 7 намуд аз 100,6 фоиз то 184,6 фоиз нисбати нақшаи аниқшуда иҷро гардида, воридоти маблағ аз ҳисоби низоми махсуси андозбандӣ 6860,6 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 99,6 фоиз ва воридоти дигари ғайриандозӣ ва пардохтҳои маъмурӣ 677,1 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 84,1 фоиз таъмин гардида, аз ин ҳисоб маблағи **154,3** ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид нагардидааст.

7.6. Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гарчанде дар маҷмуъ нақшаи андоз аз даромад 105,2 фоиз иҷро гардида бошад ҳам, вале дар дохил воридоти маблағ аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 6624,6 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 92,0 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намуда, аз ин ҳисоб ба буҷет **575,4** ҳазор сомонӣ маблағҳо ворид нагардидааст.

7.7. Ба ҳамин монанд, гарчанде дар маҷмуъ нақшаи андоз аз молу мулк 106,1 фоиз иҷро гардида бошад ҳам, вале дар дохил воридоти маблағ аз ҳисоби андози замин 1326,7 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 83,9 фоиз ва аз ҳисоби андоз аз воситаҳои нақлиёт 3654,4 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 94,6 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намуда, аз ин ҳисоб ба буҷет **463,9** ҳазор сомонӣ маблағҳо ворид нагардидааст.

**8.** ***Қисми хароҷоти буҷети ноҳия дар соли 2024*** ба маблағи 94591,0 ҳазор сомонӣ ва бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридгардида 110937,9 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 110604,7 ҳазор сомонӣ ё

99,7 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда 16013,7 ҳазор сомонӣ ё 16,9 фоиз зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 333,1 ҳазор сомонӣ ё 0,3 фоиз кам мебошад.

8.1. Дар таркиби хароҷотҳои умумии буҷети ноҳия маблағи 109948,4 ҳазор сомонӣ ё 99,4 фоизро хароҷотҳои ҷорӣ, ҳиссаҷудокунӣ ба фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт 464,1 ҳазор сомонӣ ё 0,4 фоиз, ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ 61,0 ҳазор сомонӣ ё 0,1 фоиз ва баргардонидани маблағҳои гирифташуда ва истифоданашуда 131,3 ҳазор сомонӣ ё 0,1 фоизро ташкил намудааст.

8.2. Маблағгузории бахшҳои иҷтимоӣ 85485,5 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, дар раванди иҷрои буҷет нақшаи хароҷотҳо 12893,6 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст. Иҷрои он 97551,3 ҳазор сомонӣ ё 88,7 фоизи хароҷоти ҷории буҷети ноҳияро ташкил намуда, нисбати нақшаи тасдиқшуда 12065,8 ҳазор сомонӣ ё 14,1 фоиз зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 827,8 ҳазор сомонӣ ё 0,8 фоиз кам маблағгузорӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, 62,8 фоизи маблағҳои равонашудаи буҷети маҳаллӣ ба рушду тараққиёти бахши маориф ва 23,2 фоиз ба бахши тандурустӣ рост меояд.

8.3. Дар таркиби хароҷотҳои ҷории буҷети ноҳия ҳиссаи асосии маблағгузориҳоро музди меҳнат ва пардохтҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ташкил намуда, ба ин мақсад 93075,3 ҳазор сомонӣ ё 84,6 фоизи хароҷотҳои ҷории буҷет равона карда шудааст.

8.4. Маблағгузории моддаҳои дигари ҳимояшавандаи хароҷот, аз ҷумла пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ 159,7 ҳазор сомонӣ ё 97,6 фоиз, кумакпулиҳои иҷтимоӣ 60,0 ҳазор сомонӣ ё 99,0 фоиз, идрорпулӣ 45,6 ҳазор сомонӣ ё 100,0 фоиз, нафақаҳо 10,3 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, ҷубронпулӣ барои хӯрокворӣ 35,8 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, ҷубронпулӣ барои дигар молҳо 3,0 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз ва ҷубронпулии яквақтаина 227,8 ҳазор сомонӣ ё 98,7 фоиз нисбати нақшаи аниқшуда иҷро гардидааст.

**9. Буҷети маҳаллии ноҳия барои соли 2025** дар асоси қарори Маҷлиси вакилони халқ аз 30.12 соли 2024, №321 аз рӯйи даромад бо дар назар доштани субвенсия 126301,0 ҳазор сомонӣ, хароҷот 127836,0 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет 1535,0 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардидааст. Даромадҳои худии буҷети маҳаллӣ 52000,0 ҳазор сомонӣ ё 41,2 фоиз ва ҳудуди 58,8 фоиз ё 74301,0 ҳазор сомонӣ буҷети ноҳия аз ҳисоби маблағҳои мусоидати молиявии давлат ташаккул ёфтааст. Фонди захиравии Раиси ноҳия мувофиқ ба меъёри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ 259,9 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шудааст.

9.1. Дар раванди иҷрои буҷети соли 2025 тариқи ҳисоби байниҳамдигарӣ аз буҷети сатҳи дигар **10202,9** ҳазор сомонӣ ба буҷети маҳаллии ноҳия ворид гардидааст.

9.2. Ҳамин тариқ, нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2025 бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридшуда 136503,9 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, иҷрои он 142867,1 ҳазор сомонӣ ё 104,7 фоизро ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда 16566,1 ҳазор сомонӣ ё 13,1 фоиз

ва нисбати нақшаи аниқшуда 6363,2 ҳазор сомонӣ ё 4,7 фоиз маблағҳо зиёд ворид гардидааст.

9.3. Дар ҳаҷми умумии иҷрои қисми даромади буҷети ноҳия дар соли 2025 ҳиссаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 58363,7 ҳазор сомонӣ ё 40,9 фоиз, маблағҳои мақсадноки давлатӣ (субвенсия) 74300,4 ҳазор сомонӣ ё 52,0 фоиз ва маблағҳои воридгардида дар шакли ҳисоббаробаркунӣ 10202,9 ҳазор сомонӣ ё 7,1 фоизро ташкил намудааст.

9.4. Мувофиқи ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети маҳаллӣ дар соли 2025 нақшаи воридоти маблағҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ 112,2 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 58363,7 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки ин нисбати нақшаи аниқшуда 6363,7 ҳазор сомонӣ ё 12,2 фоиз зиёд мебошад.

9.5. Дар ин давра 9 намуди воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ аз 100,2 то 204,2 фоиз нисбати нақшаи аниқшуда иҷро гардидааст.

9.6. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гарчанде дар маҷмуъ нақшаи андоз аз молу мулк 112,6 фоиз иҷро гардида бошад ҳам, вале дар дохил воридоти маблағ аз ҳисоби андоз аз молу малки ғайриманқул аз шахсони ҳуқуқӣ 230,8 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 92,3 фоиз ва андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ 186,6 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 84,8 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намуда, аз ин ҳисоб ба буҷет **52,7** ҳазор сомонӣ маблағҳо ворид нагардидааст.

9.7. Ба ҳамин монад, гарчанде дар маҷмуъ нақшаи аксиз 100,2 фоиз иҷро гардида бошад ҳам, вале дар дохил воридоти маблағ аз ҳисоби аксизи шароб 16,9 ҳазор сомонӣ ё иҷрои он 27,3 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намуда, аз ин ҳисоб ба буҷет **45,1** ҳазор сомонӣ маблағҳо ворид нагардидааст.

**10. Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ дар соли 2025** бо дар назар доштани тағйиру иловаҳои воридгардида маблағи 143162,8 ҳазор сомониро ташкил намуда, иҷрои он 142764,9 ҳазор сомонӣ ё 99,7 фоизи нақшаи аниқшударо ташкил намудааст, ки нисбати нақшаи тасдиқшуда 14928,9 ҳазор сомонӣ ё 11,7 фоиз зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 397,9 ҳазор сомонӣ ё 0,3 фоиз кам мебошад.

10.1. Дар таркиби хароҷоти умумии буҷети ноҳия, хароҷотҳои ҷорӣ 142231,7 ҳазор сомонӣ ё 99,6 фоиз, ҳиссагузорӣ ба фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт 200,0 ҳазор сомонӣ ё 0,2 фоиз, ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ 59,0 ҳазор сомонӣ ва баргардонидани маблағҳои гирифташуда ва истифоданашуда 274,1 ҳазор сомонӣ ё 0,2 фоизро ташкил намудааст.

10.2. Маблағгузории бахшҳои иҷтимоӣ 116331,4 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, дар раванди иҷрои буҷет нақшаи хароҷотҳо 10423,7 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст. Иҷрои он 126200,7 ҳазор сомонӣ ё 88,7 фоизи хароҷоти ҷории буҷети ноҳияро ташкил намуда, нисбати нақшаи тасдиқшуда 9869,3 ҳазор сомонӣ ё 8,5 фоиз зиёд ва нисбати нақшаи аниқшуда 554,4 ҳазор сомонӣ ё 0,4 фоиз кам маблағгузорӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, 66,2 фоизи маблағҳои равонашудаи буҷети маҳаллӣ ба рушду тараққиёти бахши маориф ва 19,9 фоиз ба бахши тандурустӣ рост меояд.

10.3. Иҷрои хароҷотҳои музди меҳнат ва пардохтҳо, маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоии кормандони асосӣ 126295,4 ҳазор сомонӣ ё 99,7 фоиз ва

кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасон 896,8 ҳазор сомонӣ ё 98,3 фоизи нақшаи аниқшуда таъмин гардидааст, ки баробар ба 89,4 фоизи хароҷоти ҷории буҷети ноҳия мебошад.

10.4. Маблағгузории моддаҳои дигари ҳимояшавандаи хароҷот, аз ҷумла пардохти хизматрасониҳои коммуналӣ 1256,1 ҳазор сомонӣ ё 87,4 фоиз, кумакпулиҳои иҷтимоӣ 54,6 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, идрорпулиҳо 30,0 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, нафақаҳо 12,2 ҳазор сомонӣ ё 94,7 фоиз, ҷубронпулӣ барои хуроквории 45,5 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз, ҷубронпулиҳо барои дигар молҳо 2,0 ҳазор сомонӣ ё 62,4 фоиз ва ҷубронпулиҳои яквақтаина 238,1 ҳазор сомонӣ ё 100 фоиз нисбати нақшаи аниқшуда иҷро гардидааст.

**11.** ***Омӯзиш ва таҳлили кори МИҲД, раёсати Вазорати молия ва Нозироти андоз дар ноҳияи Шаҳринав*** оид ба ташаккул ва иҷрои буҷети ноҳия барои солҳои 2024 - 2025 муайян намуд, ки таҳияи лоиҳаҳои қисми даромади буҷети ноҳия мутобиқи Кодекси андоз, қонуну ва қарорҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳия, дастурҳои методии пешниҳоднамудаи Вазорати молия тартиб дода шуда, дар баъзе мавридҳо ба камбудиҳо роҳ дода шудааст.

11.1. Омӯзиш ва таҳлили банақшагирии қисми даромади буҷети ноҳия нишон дод, ки лоиҳаи қисми даромади буҷети ноҳия барои солҳои 2024 – 2025 *(бе дар назар доштани андози иҷтимоӣ)* мутаносибан ба маблағи 41359,4 ҳазор сомонӣ ва 51309,4 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравии назди Вазорати молия оид ба баррасии лоиҳаи буҷети давлатии солҳои 2024-2025, буҷети соли 2024 ба маблағи 43984,0 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 2624,6 ҳазор сомонӣ *(6,3%)* ва буҷети соли 2025 ба маблағи 52000,0 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 690,6 ҳазор сомонӣ *(1,3%)* зиёд карда шудааст.

11.2. Нақшаи тасдиқгардидаи қисми даромади ҷории буҷети маҳаллӣ дар буҷети солҳои 2024-2025 нисбат ба нақшаи тасдиқшудаи даромади ҷории буҷети маҳаллӣ дар солҳои қаблӣ мутаносибан 5164,0 ҳазор сомонӣ ё 13,3 фоиз ва 8016,0 ҳазор сомонӣ ё 18,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

11.3 Қисми даромади буҷети ноҳия сол аз сол тамоюли афзоиш дошта бошад ҳам, вале мувофиқи таҳлилҳо банақшагирӣ ва пешбинии қисми даромади буҷет чун қоида дар асоси рақамҳои назоратӣ амалӣ гардонида шуда, имкониятҳои афзоиши манбаҳои андоз ба таври кофӣ омӯхта нашудааст, ки боиси барзиёд иҷро гардидани супоришҳои нақшавӣ гардидааст.

11.4 Тибқи нишондоди Дастурамал “Оид ба дурнамои даромадҳои буҷети давлатӣ”, ки аз 08.04 соли 2022, №63 бо фармоиши Вазорати молия тасдиқ карда шудааст, ҳангоми муайян намудани дурнамои даромадҳои Буҷети давлатӣ барои соли молиявии навбатӣ иҷрои воқеии соли ҷорӣ асос шуда метавонад ва дурнамои даромадҳои Буҷети давлатӣ таҳия карда мешаванд.

11.5. Иҷрои нақшаи қисми даромадҳои ҷории буҷети маҳаллӣ дар солҳои 2023-2024 мутаносибан маблағи 40638,7 ҳазор сомонӣ ва 46537,1 ҳазор сомониро ташкил дода, нақшаи тасдиқшудаи қисми даромади ҷории буҷети маҳаллӣ барои солҳои 2024 – 2025 нисбат ба иҷрои солҳои қаблӣ мутаносибан

3345,3 ҳазор сомонӣ ё 8,2 фоиз ва 5462,9 ҳазор сомонӣ ё 11,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

11.6. Дар робита ба ин, ҳангоми банақшагирии қисми даромадҳои буҷети маҳалии ноҳия барои соли оянда иҷрои даромадҳои ҳақиқии соли қаблӣ ба инобат гирифта нашуда, дар соли 2024 нақшаи андозҳо барои захираҳои табиӣ 99,9 ҳазор сомонӣ ё 20,1 фоиз ва боҷи давлатӣ 538,3 ё 31,8 фоиз ва дар соли 2025 нақшаи андоз аз арзиши иловашуда 421,9 ҳазор сомонӣ ё 8,8 фоиз, андозҳо барои захираҳои табиӣ 111,5 ҳазор сомонӣ ё 21,0 фоиз, боҷи давлатӣ 606,3 ҳазор сомонӣ ё 33,6 фоиз ва воридоти ғайриандозӣ 334,5 ҳазор сомонӣ ё 39,8 фоиз нисбат ба иҷрои соли қаблӣ кам мавриди нақшабандӣ қарор дода шудааст.

11.7. Ҳамзамон, лоиҳаи қисми даромади буҷет бе таҳлили имкониятҳои воқеии андозсупорандагон мураттаб гардида, афзоиши захираҳои мавҷудаи даромадҳо аз рӯйи намудҳои андоз ба инобат гирифта нашудааст, ки боиси барзиёд иҷро гардидани супоришҳои нақшавии баъзе намуди андозҳои буҷети маҳаллӣ гаштааст.

11.8. Таҳлилҳо аз рӯйи иҷрои сарчашмаи даромадҳои ҷорӣ нишон дод, ки дар соли 2024 нисбат ба нақшаи тасдиқшуда иҷрои барзиёди 6 намуди андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ, ҷамъ 3141,0 ҳазор сомонӣ нисбат ба нақшаи тасдиқшуда ба буҷет барзиёд ворид гардидааст.

11.9. Чунин тартиби нақшабандӣ ва иҷрои нақшаи даромадҳои ҷории буҷет дар соли 2025 низ нигоҳ дошта шуда, нисбат ба нақшаи тасдиқшуда аз ҳисоби иҷрои барзиёди 6 намуди андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ, ҷамъ 7807,5 ҳазор сомонӣ нисбат ба нақшаи тасдиқшуда ба буҷет барзиёд ворид гардидааст.

11.10. Дар рафти иҷрои буҷети соли 2024 бо мақсади иҷрои сифатноки қисми даромади БМ, тибқи қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 26.06 соли 2024, №294 “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2024” ба нақшаи тасдиқшудаи қисми даромад аз рӯйи намудҳои андоз ва воридоти ғайриандозӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, дар натиҷа нақшаи низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ 500,0 ҳазор сомонӣ, андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ 489,0 ҳазор сомонӣ ва аксиз 11,0 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 1000,0 ҳазор сомонӣ кам карда шуда, нақшаи андоз аз даромади шахсони воқеӣ 500,0 ҳазор сомонӣ, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 250,0 ҳазор сомонӣ ва боҷи давлатӣ 250,0 ҳаҳор сомонӣ, ҷамъ 1000,0 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст.

11.11. Инчунин, дар соли 2025 ҷиҳати иҷрои сифатноки қисми даромади буҷети маҳаллӣ тибқи қарори Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 25.06 соли 2025, №11 “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2025” ба нақшаи тасдиқшудаи қисми даромад аз рӯйи намудҳои андоз ва воридоти ғайриандозӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, дар натиҷа нақшаи низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ 600,0 ҳазор сомонӣ, андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ 600,0 ҳазор сомонӣ ва андози замин аз

шахсони воқеӣ 1350,0 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 2550,0 ҳазор сомонӣ кам карда шуда, нақшаи андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ 1500,0 ҳазор сомонӣ, андоз аз даромади шахсони воқеӣ 300,0 ҳазор сомонӣ, андоз аз молу мулки шахсони воқеӣ 600,0 ҳазор сомонӣ ва низоми махсуси андозбандӣ барои субъектҳои биснеси бозӣ 150,0 ҳаҳор сомонӣ, ҷамъ 2550,0 ҳазор сомонӣ зиёд карда шудааст.

11.12. Таҳлилҳо нишон дод, ки бо роҳи ворид намудани тағйирот ба нақшаи тасдиқгардидаи қисми даромади БМ, нақшаи ҷудогонаи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ таъмин карда шудааст.

11.13. Аз ҷумла, нақшаи аксиз ба маблағи 11,0 ҳазор сомонӣ ё 2,0 фоиз кам карда шуда, бо ин роҳ иҷрои он ба андозаи 100,6 фоиз таъмин карда шудааст. Инчунин, дар соли 2025 нақшаи тасдиқгардида аз рӯйи андоз аз молу мулк 2682,0 ҳазор сомонӣ ё 19,6 фоиз кам карда шуда, иҷрои он ба андозаи 112,6 фоиз таъмин карда шудааст.

11.14. Ҳамчунин, дар соли 2024 нақшаи пешбинигардидаи андоз аз воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ба қадри 489,0 ҳазор сомонӣ ё 11,5 фоиз ва низоми соддакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ 500,0 ҳазор сомонӣ ё 17,6 фоиз кам карда шуда, бо вуҷуди кам намудани нақша иҷрои онҳо мутаносибан ба андозаи 94,6 фоиз ва 99,6 фоиз таъмин гардидааст.

11.15. Аз дигар ҷониб, мавҷуд набудани таҳлилҳои иқтисодӣ дар тарҳрезии нишондиҳандаҳои лоиҳаи буҷетҳои маҳаллӣ, надоштани методологияи самараноки назорати дақиқи манбаъҳои воридоти андозҳо аз ҷониби масъулини мақомоти молия ва андоз дар ноҳия, боиси ба даст овардани маблағи калони даромадҳои иловагӣ дар буҷети ноҳия гаштааст.

11.15.1. Сарфи назар аз ворид намудани тағйирот ба қисми даромади буҷет, қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2024 ба маблағи 46537,1 ҳазор сомонӣ ё 2553,1 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2025 ба маблағи 58363,7 ҳазор сомонӣ ё 6363,7 ҳазор сомонӣ нисбат ба нақшаи аниқшуда зиёд иҷро гардидааст.

11.16. Тибқи талаботи Қонун “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳолати кам ё зиёд шудани воридоти маблағҳо ба буҷет, ки метавонад боиси 10 фоиз ё аз он зиёд тағйир ёфтани даромад аз таъиноти солонаи тасдиқшудаи буҷет гардад, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ба Маҷлиси вакилони халқӣ лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба буҷети маҳаллиро барои тасдиқ пешниҳод менамояд. Аммо аз ҷониби масъулини буҷети маҳаллии ноҳия талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ риоя нагардидааст, дар сурате, ки дар соли 2025 қисми даромади буҷети ноҳия нисбат ба нақшаи аниқшуда ба андозаи 112,2 фоиз иҷро гардидааст.

11.16.1. Дар баробари ин, зимни таҳияи лоиҳаҳои буҷети ноҳия ва тасдиқи нишондиҳандаҳои қисми даромади он мавҷудияти бақияпулиҳои андозҳо ба инобат гирифта нашудааст дар сурате, ки бақияи қарзи андозҳои корхонаю ташкилотҳои тобеъи Нозироти андози ноҳия, ба истиснои андози иҷтимоӣ ба 1 январи соли 2024 маблағи 1484,1 ҳазор сомонӣ ё 3,4 фоиз ва ба ҳолати 1

январи соли 2025 маблағи 2369,1 ҳазор сомонӣ ё 4,6 фоизи нақшаи тасдиқшудаи даромадҳои ҷории буҷети ноҳияро дар давраҳои зикршуда ташкил намудааст.

**12.** Тибқи нишондоди Дастурамалҳо оид ба таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии навбатӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои ду соли минбаъда, ҳангоми банақшагирии хароҷоти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқи гуруҳбандии вазифавӣ, иқтисодӣ ва идоравӣ таҳия карда мешавад.

12.1. Инчунин, лоиҳаи буҷетҳои маҳаллиро дар мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои соли молиявии навбатӣ ва дурнамои ду соли минбаъда дар асоси афзалиятҳои соҳавӣ, мувофиқи хусусиятҳои сектории муассисаҳои буҷетӣ (маориф, тандурустӣ ва ғайра) таҳия менамоянд.

12.2. Омӯзиш ва таҳлили банақшагирии қисми хароҷоти буҷети ноҳия нишон дод, ки лоиҳаи қисми хароҷоти буҷети ноҳия барои солҳои 2024 – 2025 аз рӯйи бахшҳои буҷетӣ мутаносибан ба маблағи 101494,9 ҳазор сомонӣ ва 132336,7 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида, аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравии назди Вазорати молия оид ба баррасии лоиҳаи буҷети давлатии солҳои 2024-2025, хароҷотҳо кам карда шуда, дар натиҷа қисми хароҷоти буҷети ноҳия барои соли 2024 ба маблағи 94591,0 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 6903,9 ҳазор сомонӣ *(7,3%)* ва барои соли 2025 ба маблағи 127836,0 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 4500,7 ҳазор сомонӣ *(3,5%)* кам карда шудааст.

12.3. Нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар соли 2025 барои семоҳаи якум 12840,0 ҳазор сомонӣ ё 24,0 фоиз, семоҳаи дуюм 13104,0 ҳазор сомонӣ ё 25,2 фоиз, семоҳаи сеюм 13312,0 ҳазор сомонӣ ё 25,6 фоиз ва семоҳаи чорум 13104,0 ҳазор сомонӣ ё 25,2 фоиз муайян карда шудааст.

12.4. Нақшаи маблағгузории субвенсия аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети маҳаллӣ барои семоҳаи якум 17089,2 ҳазор сомонӣ ё 23,0 фоиз, барои семоҳаи дуюм 18575,2 ҳазор сомонӣ ё 25,0 фоиз, барои семоҳаи сеюм 19318,3 ҳазор сомонӣ ё 26,0 фоиз ва барои семоҳаи чорум 19318,3 ҳазор сомонӣ ё 26,0 фоиз муқаррар карда шудааст.

12.5. Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ барои соли 2025 аз рӯйи семоҳаҳо аз ҷумла, семоҳаи якум 29568,0 ҳазор сомонӣ ё 23,13 фоиз, семоҳаи дуюм 32379,0 ҳазор сомонӣ ё 25,33 фоиз, семоҳаи сеюм 33359,0 ҳазор сомонӣ ё 26,1 фоиз ва семоҳаи чорум 32530,0 ҳазор сомонӣ ё 25,45 фоиз тақсим карда шудааст.

12.6. Талаботи фонди музди меҳнати ташкилоту муассисаҳои буҷети маҳаллӣ тибқи буҷети тасдиқгардида барои соли 2025 маблағи 119311,0 ҳазор сомониро ташкил дода, барои семоҳаи якум 27956,5 ҳазор сомонӣ ё 23,43 фоиз, семоҳаи дуюм 30105,1 ҳазор сомонӣ ё 25,23 фоиз, семоҳаи сеюм 30636,1 ҳазор сомонӣ ё 25,68 фоиз ва семоҳаи чорум 30613,3 ҳазор сомонӣ ё 25,66 фоиз тақисм карда шудааст.

12.7. Бояд тазаккур дод, ки таносуби нақшаи қисми даромад ва хароҷот, инчунин нақшаи маблағгузории субвенсия аз рӯйи семоҳаҳо тибқи талаботи қисми хароҷот аз ҷумла, фонди музди меҳнат дуруст муқаррар карда нашудааст.

12.7.1. Чунончӣ, тибқи фармоиши Раёсати Вазорати молия аз 17.03 соли 2025, №13 барои пардохт намудани фонди музди меҳнат дар семоҳаи якуми соли 2025, нақшаи хароҷотҳои пешбинишудаи фонди музди меҳнат аз семоҳаи чорум ба маблағи 2188,1 ҳазор сомонӣ кам карда шуда, ба ҳамин маблағ дар семоҳаи якум нақшаи хароҷотҳои фонди музди меҳнат зиёд карда шудааст. Иҷрои хароҷотҳои фонди музди меҳнат дар семоҳаи якуми соли 2025 маблағи 28491,6 ҳазор сомонӣ ё 91,1 фоизро ташкил дода, ба қадри 805,7 ҳазор сомонӣ музди меҳнат ва маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоии муассисаҳо дар моҳи апрели семоҳаи дуюми соли 2025 пардохт карда шудааст. Ин аз нодуруст нақшабандӣ ва ба семоҳаҳо тақсим намудани қисми даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ гувоҳӣ медиҳад.

12.8. Дар рафти иҷрои буҷет дар асоси фармоишҳои Раёсати Вазорати молия дар ноҳия дар солҳои 2024-2025 мутаносибан ба маблағи 3476,0 ҳазор сомонӣ ва 2777,5 ҳазор сомонӣ дар дохили соҳаҳо ба моддаҳои хароҷотӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

12.9. Дар солҳои 2024 – 2025 маблағҳои азхуднагардидаи буҷетӣ мутаносибан 989,5 ҳазор сомонӣ ё 0,9 фоиз ва 931,1 ҳазор сомонӣ ё 0,7 фоизро ташкил намудааст.

12.10. Муқаррароти қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671 ва аз 08 феврали соли 2025, №962" аз 13.01 соли 2024 №5 ва аз 28.02 соли 2025 №113, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади иҷрои қарорҳои мазкур истифодаи барзиёдии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва қабули буҷетҳои иловагиро қатъиян барои таъмини зиёдшавии музди меҳнати кормандони ташкилотҳои аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузоришаванда равона намоянд, риоя нагардида, дар солҳои 2024-2025 аз ҳисоби иҷрои барзиёди буҷети маҳаллӣ мутаносибан 2080,5 ҳазор сомонӣ ва 4321,3 ҳазор сомонӣ тибқи қарорҳои дахлдори Раиси ноҳия барои хароҷотҳои дуюмдараҷа равона гардидааст.

12.11. Таҳлилҳо нишон дод, ки ҳангоми таҳия ва тасдиқи қарорҳои маҷлиси вакилони халқи ноҳия "Дар бораи тасдиқи буҷети ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2024-2025" муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қонунҳо "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои молиявии дахлдор" пурра риоя нагардидааст. Аз ҷумла:

12.11.1. Дар қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ "Дар бораи тасдиқи буҷети маҳаллӣ барои солҳои дахлдор" тибқи талаботи моддаи 9 Қонун "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", хароҷоти ташкилоту муассисаҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ маблағгузоришаванда мувофиқи тартиби гурӯҳбандии даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи гурӯҳбандии иқтисодӣ муқаррар карда нашудааст.

12.11.2. Ба ҳамин монанд, дар қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳия "Дар бораи тасдиқи буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав барои солҳои 2024-2025" даромаду хароҷоти буҷети ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия, ҳиссагузорӣ ба фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт аз ҳисоби

иҷрои барзиёди даромади буҷетӣ маҳаллӣ, соҳаҳо ва моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет, пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет аз ҳисоби воридоти маблағҳои махсуси буҷети маҳаллӣ ва дар хусуси ворид намудани 5 фоизи маблағ аз иҷрои барзиёди қисми даромади тасдиқшудаи буҷети маҳаллӣ ва аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷети маҳаллӣ ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ муқаррар карда нашудааст.

**13.** Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон дод, ки соли 2024 ҳаҷми умумии субвенсия дар буҷети маҳаллӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ 49850,0 ҳазор сомониро ташкил дода, дар соли 2025 баробар ба маблағи 74301,0 ҳазор сомонӣ ё ба қадри 24451,0 ҳазор сомонӣ ё 49,0 фоиз нисбат ба соли қаблӣ зиёд шудааст.

13.1. Вазни хоси субвенсия дар соли 2024 дар ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети маҳаллӣ 53,1 фоизро ташкил намуда, дар буҷети соли 2025 баробар ба 58,8 фоиз гаштааст, ки нисбати соли қаблӣ ба андозаи 5,7 банди фоиз зиёд гардидааст.

13.2. Дар соли 2024 аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети ноҳия маблағҳои ҷудогардидаи мусоидати молиявӣ 99,9 фоиз ва дар соли 2025 ба андозаи 100 фоизи маблағҳои нақшавиро ташкил дода, дар соли 2024 маблағҳои мусоидати молиявии ҷудогардида 31,7 ҳазор сомонӣ нисбат ба нақша кам ворид гардидааст.

13.3. Бояд қайд кард, ки дар солҳои 2024-2025 нақшаи қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ нисбат ба нақшаи аниқшуда мутаносибан ба андозаи 2553,1 ҳазор сомонӣ ва 6363,7 ҳазор сомонӣ барзиёд иҷро гардидааст. Вале бо вуҷуди ин аз ҷониби масъулини ташаккули буҷети ноҳия имкониятҳои афзоиши даромадҳои буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ ва эҳтимолияти ба қадри имкон коҳиш додани вазни хоси маблағҳои мусоидати молиявӣ дар таркиби даромадҳои буҷети маҳаллӣ омӯхта нашудааст.

13.4. Сабаби барзиёд иҷро гардидани даромадҳои ҷории буҷети маҳаллӣ дарёфт ва пайдо намудани манбаҳои иловагии даромад бошад, аз дигар ҷониб ин нодуруст банақшагирии қисми даромади буҷетҳо аз тарафи масъулини мақомоти молия ва андоз дар ноҳия мебошад.

13.5. Мувофиқи талаботи моддаи 24 Қонун “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” мусоидати молиявӣ (субвенсия) – барои маблағгузории хароҷоти алоҳидаи мақсаднок ҷудо карда мешавад ва тибқи муқаррароти моддаи 10 Қонун “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои соли 2024-2025, ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои ВМКБ, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои пардохти фонди музди меҳнат тасдиқ карда шудааст.

13.6. Дар рафти таҳлил маълум гардид, ки тибқи мактуби Вазорати молия аз 24.11 соли 2023, №2-5-2/762, Вазорати молия рақами назоратии буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳринавро, аз ҷумла нишондиҳандаи фонди музди меҳнатро барои соли 2024 ба маблағи 81597,5 ҳазор сомонӣ (ГИБ 2111-64868,7 ҳазор сомонӣ, ГИБ 2121 – 16036,9 ҳазор сомонӣ, ГИБ 2221 – 553,5 ҳазор сомонӣ ва ГИБ 2222- 138,4 ҳазор сомонӣ) манзур намудааст.

13.7. Дар қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ буҷети маҳаллии ноҳия, қисми хароҷоти буҷет аз рӯйи соҳаҳо тасдиқ карда шуда, аз рӯйи гуруҳбандии иқтисодӣ муайян карда нашудааст.

13.8. Тибқи ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети маҳаллӣ ва барномаи банақшагирӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ "SGB.net" нақшаи тасдиқгардидаи хароҷотҳои музди меҳнат ва маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоии буҷети маҳаллӣ дар соли 2024, ҷамъ ба маблағи 80885,7 ҳазор сомониро (ГИБ 2111- 64275,8 ҳазор сомонӣ, ГИБ 2121 – 15904,3 ҳазор сомонӣ, ГИБ 2221 – 564,5 ҳазор сомонӣ ва ГИБ 2222- 141,1 ҳазор сомонӣ) ташкил намуда, нисбат ба рақами назоратӣ ба қадри **711,8** ҳазор сомонӣ муқаррар карда шуда, ба ҳамин маблағ хароҷотҳои дигар гуруҳбандии буҷетии дуюмдараҷа зиёд муқаррар карда шудааст.

13.9. Дар солҳои 2024 – 2025 бо тариқи ҳисоббаробаркунӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети маҳаллӣ бо мақсади пардохти фарқияти зиёдшавии музди меҳнат ва маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ мутаносибан 13803,0 ҳазор сомонӣ ва 10202,9 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

13.10. Сарфаи хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби музди меҳнат ва маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ аз ҳисоби воҳидҳои кории холӣ дар солҳои 2024-2025 мувофиқан 788,3 ҳазор сомонӣ ва 414,0 ҳазор сомониро ташкил додааст.

**14.** Тибқи талаботи Дарстурамал "Дар бораи тартиби таҳия, баррасӣ, тасдиқ ва иҷроиши Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" маблағҳои озоди буҷетии дар аввали соли буҷетӣ ба вуҷуд омада, ин даромади иловагии дар ҷараёни иҷрои буҷет пайдо гардида, инчунин барзиёд иҷрошавии қисми даромад ё ин, ки аз ҳисоби сарфаи моддаҳои хароҷот, ба истиснои маблағҳои нақдии гардони хазинавӣ ба вуҷуд омадааст, мебошад.

14.1. Тибқи ҳисоботҳо дар бораи иҷрои буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав ба ҳолати 01.01 соли 2024 бақияи маблағҳо дар суратҳисоби ягонаи хазинадории буҷети маҳаллӣ 450,9 ҳазор сомонӣ ва ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 4,6 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

14.2 Тибқи қарорҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳия ба аввали солҳои 2025 -2026 маблағи нақди гардони хазинавии буҷети маҳаллӣ мутаносибан ба маблағи 2800,0 ҳазор сомонӣ ва 3840,0 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шуда, дар солҳои 2024 - 2025 захираҳои озоди буҷетӣ мавҷуд намебошад.

14.3. Дар соли 2024 аз суратҳисоби ягонаи хазинадории буҷети маҳаллӣ маблағи нақди гардони хазинавӣ **449,2** ҳазор сомонӣ ҳамчун бақияи маблағҳои озоди буҷетӣ ҷалб гардида, дар асоси қарорҳои Раиси ноҳия тавассути бахшҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ 131,2 ҳазор сомонӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал 318,0 ҳазор сомонӣ хароҷот карда шудааст.

14.4. Дар солҳои 2024 – 2025 аз ҳисоби иҷрои барзиёди қисми даромади буҷети маҳаллӣ дар асоси қарорҳои Раиси ноҳия тавассути бахшҳои буҷетӣ мутаносибан 2080,5 ҳазор сомонӣ ва 5123,9 ҳазор сомонӣ хароҷот карда шудааст.

14.5. Таҳлили риояи тартиби дуруст равона намудани маблағҳои мазкур нишон дод, ки аз ҷониби масъулини буҷети маҳаллӣ дар соли 2024 муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2024, №671” аз 13.01 соли 2024 №5, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади иҷрои қарори мазкур то ҷамъбасти нимсолаи якуми соли 2024 аз қабули буҷетҳои иловагӣ худдорӣ намуда, барзиёдии даромади буҷети маҳаллиро сарфа ва мақсаднок барои пардохти зиёдшавии музди меҳнати кормандони ташкилотҳои аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузоришаванда равона намоянд, риоя нагардида, дар соли 2024 аз ҳисоби иҷрои барзиёди буҷети маҳаллӣ, ҷамъ **2054,5** ҳазор сомонӣ, аз ҷумла то нимсолаи якуми соли 2024 ба қадри 710,9 ҳазор сомонӣ тибқи қарорҳои дахлдори Раиси ноҳия барои хароҷотҳои дуюмдараҷа ҷудо гардида ба хароҷот бароварда шудааст.

14.6. Аз ҷониби масъулини БМ дар соли 2025 муқаррароти қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои амалисозии фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 феврали соли 2025, №962” аз 28.02 соли 2025 №113, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади иҷрои қарори мазкур истифодаи барзиёдии даромади буҷетҳои маҳаллӣ ва қабули буҷетҳои иловагиро қатъиян барои таъмини зиёдшавии музди меҳнати кормандони ташкилотҳои аз ҳисоби буҷетҳои маҳаллӣ маблағгузоришаванда равона намоянд, риоя нагардида, дар соли 2025 аз ҳисоби иҷрои барзиёди буҷети маҳаллӣ, ҷамъ **4321,3** ҳазор сомонӣ тибқи қарорҳои дахлдори Раиси ноҳия барои хароҷотҳои дуюмдараҷа ҷудо ва хароҷот карда шудааст.

**15.** Нақшаи аникшудаи қисми даромад ва хароҷоти маблағҳои махсус барои солҳои 2024 - 2025 мутаносибан 5106,8 ҳазор сомонӣ ва 6791,6 ҳазор сомониро ташкил дода, иҷрои он аз рӯйи даромад мутаносибан 4870,4 ҳазор сомонӣ ё 95,4 фоиз ва 5988,0 ҳазор сомонӣ ё 88,2 фоиз ва аз рӯйи хароҷот мувофиқан 4469,2 ҳазор сомонӣ ё 87,5 фоиз ва 5933,7 ҳазор сомонӣ ё 87,4 фоиз таъмин карда шудааст.

**16.** Дар солҳои 2024 – 2025 аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳия воридоти бақияпулиҳои андоз пурра таъмин карда нашуда, бақияпулиҳои андози ноҳия сол аз сол зиёд гардидааст.

16.1. Қарзи корхонаву ташкилотҳои ноҳия аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба ҳолати 01.01 соли 2024 маблағи 339,3 ҳазор сомонӣ, ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 486,3 ҳазор сомониро ташкил дода, 147,0 ҳазор сомонӣ нисбат ба аввали соли қаблӣ зиёд гардидааст. Ба ҳолати 01.01 соли 2026 маблағи 617,6 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали соли қаблӣ 131,3 ҳазор сомонӣ зиёд гардида, маблағи 67,8 ҳазор сомонӣ ба ташкилотҳои буҷетӣ ва 549,8 ҳазор сомонӣ ба корхонаҳои ғайрибуҷетӣ тааллуқ дорад.

16.2. Бақияпулиҳои андоз ба истисно андози иҷтимоӣ ба санаи 01.01 соли 2024 маблағи 1484,1 ҳазор сомонӣ, ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 2369,1 ҳазор сомонӣ ё 885,0 ҳазор сомонӣ нисбат ба аввали соли қаблӣ зиёд гардидааст. Бақияпулиҳои андоз ба ҳолати 01.01 соли 2026 маблағи 7731,7

ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба аввали соли қаблӣ 5362,6 ҳазор сомонӣ зиёд гардидааст.

16.3. Аз тарафи Нозироти андоз дар ноҳия бо мақсади кам намудани маблағи бақияпулиҳои андоз ва андешидани чораҳои пешбинишудаи қонунгузории андоз дар самти маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати андозсупорандагони қарздор дар соли 2024 нисбати 52 андозсупорандагон 53 қарор ба маблағи 5565,9 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2025 нисбати 24 андозсупорандагон 27 қарор ба маблағи 4328,3 ҳазор сомонӣ қабул гардида, аз ҳисоби қарорҳои қабулгардида ба буҷет мутаносибан 4877,2 ҳазор сомонӣ ва 2532,0 ҳазор сомонӣ қарзи андозҳо пардохт карда шудааст.

**17.** Ҳисоботи молиявии маҷмӯии солона ва фосилавиро тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, раёсат ва шуъбаҳои хазинадории сарраёсатҳо ва раёсатҳои Вазорати молия дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар асоси ҳисоботи молиявии солона ва фосилавии ташкилотҳои буҷетии дар тобеъияти онҳо қарордошта ва маблағгузоришаванда, мутобиқи шаклҳои дар “Дастурамал оид ба тартиби таҳия намудани ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ дар ташкилотҳои буҷетӣ ва хазинадорӣ” таҳия менамоянд.

17.1. Қарзи дебитории ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 187,4 ҳазор сомониро ташкил дода, ба ҳолати 01.01 соли 2026 нисбат ба аввали соли қаблӣ 28,4 ҳазор сомонӣ кам гардида, маблағи 159,0 ҳазор сомониро ташкил додааст.

17.2. Қарзи кредитории ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ба ҳолати 01.01 соли 2025 маблағи 1910,4 ҳазор сомониро ташкил дода, ба ҳолати 01.01 соли 2026 ба қадри 436,5 ҳазор сомонӣ кам гардида, маблағи 1473,9 ҳазор сомониро ташкил додааст.

**18**. Шуъбаи хазинадорӣ ба 96 ташкилоту муассисаҳои аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ва 19 ташкилоту муассисаҳои аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда хизмат расонида, аз ин шумора амалиётҳои гардиши маблағҳои махсуси 11 ташкилоту муассисаҳои буҷети маҳаллӣ ва 6 ташкилоту муассисаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ дар суратҳисоби махсус роҳандозӣ менамояд.

18.1. Барои дар сатҳи дахлдор хизматрасонӣ намудан ба ташкилоту муассисаҳои буҷетҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ дар раёсат 5 суратҳисобҳо кушода шудааст, ки тавассути ин суратҳисобҳо маблағгузории ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ амалӣ карда мешавад.

18.2. Бақияи суратҳисоби ягонаи маҳаллии хазинадорӣ дар СХМ ВМ, ки тавассути низоми иттилоотии банақшагирӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ “SGB.net” фаъолият менамояд ба ҳолати 01.01 соли 2024 маблағи 450,8 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

18.3. Ба суратҳисоби мазкур дар солҳои 2024-2025 матаносибан маблағи 46536,7 ҳазор сомонӣ ва 58363,7 ҳазор сомонӣ даромад шуда, дар давраҳои зикргардида мувофиқан 46982,9 ҳазор сомонӣ ва 58262,5 ҳазор сомонӣ хароҷот карда шуда, бақияи маблағҳо дар суратҳисоб ба ҳолати 01.01 соли 2026 маблағи 106,7 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

18.4. Аудити ҳолати воқеии воридоти андозию ғайриандозӣ ба БМ нишон дод, ки аз ҷониби масъулини **шуъбаи хазинадории Раёсати**

**Вазорати молия дар ноҳия** муқаррароти моддаи 12 Қонун “Дар бораи хазинадорӣ” ва қонунҳо “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли молиявии дахлдор” риоя нагардида, маблағи **172,3** ҳазор сомонӣ таъйиноти буҷети ҷумҳуриявидошта, ҳамчун манбаи даромади буҷети маҳаллӣ ба ҳисоб гирифта шуда, баъдан барои пӯшонидани хароҷотҳои нақшавии ташкилоту муассисаҳои буҷети маҳаллӣ равона гардидааст. Маблағи мазкур дар рафти гузаронидани аудит ба суратҳисоби дахлдор барқарор карда шуд.

18.5. Инчунин, аз ҳисоби риоя накардани талаботҳои моддаҳои 16 ва 20 қонунҳо “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2025” аз ҷумла, аз ҳисоби дуруст ҳисоб накардани ҳиссаҷудокуниҳо ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт 118000,0 сомонӣ ва ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ 17700,0 сомонӣ, ҷамъ **135,7** ҳазор сомонӣ муайян карда шуд, ки маблағи мазкур ба суратҳисоби дахлдор барқарор карда шуд.

18.6. Ҳамчунин, аз ҳисоби риоя нагардидани талаботҳои моддаҳои зикргардидаи қонуни болозикр, саривақт дар муҳлати муқарраршуда пардохт накардани ҳиссаи Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт 939,0 ҳазор сомонӣ ва ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ 130,6 ҳазор сомонӣ, ҷамъ 1069,6 ҳазор сомонӣ пардохт карда нашудааст. Дар рафти гузаронидани чорабинии аудиторӣ аз маблағи мазкур аз тарафи БМ маблағи **200,0** ҳазор сомонӣ ба суратҳисобҳои дахлдори буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт карда шуд.

**19.** Натиҷаи санҷишҳои назоратӣ дар Нозироти андози ноҳия вайронкунии қоидаҳои молиявиро ба маблағи умумии **439,7** ҳазор сомонӣ муайян намуд, ки маблағи мазкур пурра ба суратҳисоби дахлдор барқарор карда шуд.

**20.** Инчунин, натиҷаи чорабиниҳои аудиторӣ, вайронкунии қоидаҳои молиявиро дар дастгоҳи Раиси ноҳия 53,1 ҳазор сомонӣ, Шуъбаи маориф 117,7 ҳазор сомонӣ, Муассисаи давлатии таълимии томактабии №1 – 5,1 ҳазор сомонӣ, Литсей барои хонандагони болаёқат 60,8 ҳазор сомонӣ, Беморхонаи марказӣ 122,8 ҳазор сомонӣ, Муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ 185,2 ҳазор сомонӣ, Маркази ёрии таъҷилӣ 39,1 ҳазор сомонӣ, Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ 24,0 ҳазор сомонӣ, КФД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” 20,5 ҳазор сомонӣ, Бахши фарҳанг 39,7 ҳазор сомонӣ, Литсейи касбӣ- техникӣ 42,8 ҳазор сомонӣ, Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгард 80,1 ҳазор сомонӣ, Муассисаи давлатии хоҷагии ҷангал 37,9 ҳазор сомонӣ ва КВД “Сохтмони асосӣ” 64,2 ҳазор сомонӣ, дар маҷмуъ ба маблағи **893,0** ҳазор сомонӣ муайян намуд, ки дар ҷараёни аудит аз маблағи мазкур 851,4 ҳазор сомонӣ ба суратҳисоби дахлдор барқарор карда шуд.

**21.** Ҳамин тавр, дар рафти татбиқи чорабинии назоратӣ дар 16 ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия аудити мутобиқат ва молиявӣ гузаронида шуд, ки

дар натиҷа вайронкунии қоидаҳои молиявӣ ба маблағи умумии 1840,7 ҳазор сомонӣ муайян гардид.

21.1. Дар таркиби қоидавайронкунии молиявии муайянгардида, вайронкунии низоми молиявӣ **1836,7** ҳазор сомонӣ ва вайронкунии хусусияти расмидошта 4,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

21.2. Дар таркиби вайронкунии қоидаҳои молиявии низоми молиявии муайянгардида, вайронкунии қоидаҳо вобаста ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ 439,7 ҳазор сомонӣ, вайронкунии қоидаҳо дар истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва дигар воситаҳои давлатӣ 781,1 ҳазор сомонӣ, вайронкунии қоидаҳо вобаста ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ 465,1 ҳазор сомонӣ, вайронкунии қоидаҳо дар соҳаи идоракунӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ 13,2 ҳазор сомонӣ ва вайронкунии қоидаҳо дар соҳаи сохтмон 137,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки аз маблағи мазкур 1795,1 ҳазор сомонӣ ба суратҳисоби дахлдор барқарор карда шуд.

21.3. Вайронкунии хусусияти расмидошта аз ҳисоби вайронкунии қоидаҳо вобаста ба пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ 4,0 ҳазор сомонӣ дар ҳисоботҳои муассиса ба танзим дароварда шуд.

**22.** Ба истисної таъсири камбудию норасоиҳои пешбинишудаи хулосаи мазкур, ҳисоботи буҷетӣ, ҳисоботҳои молиявии маҷмӯӣ, ҳисоботҳои молиявӣ ва дигар ҳисоботҳо барои солҳои молиявии 2024- 2025 шартан мусбӣ арзёбӣ карда шуд. Инчунин фаъолият, амалиёт ва маълумотҳои молиявӣ вобаста ба тамоми масъалаҳои муҳим, ки дар ҳисоботи молиявӣ инъикос карда шудаанд, ба истисноии ҳолатҳои дар боло зикршуда ба меъёру талаботи муқарраршуда мутобиқат доранд.

**23.** Бинобар ин, бо дар назар доштани вайронкунии қоидаҳои молиявии муайяншуда тибқи муқаррароти моддаҳои 7, 27, 28 ва 41 Қонун “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба масъулини Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав ва роҳбарони ташкилоту муассисаҳои буҷетии он пешниҳоди **тавсияҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:**

- натиҷаи чорабинии аудиторӣ вобаста ба баҳодиҳии ҳисоботи солонаи маҷмӯии иҷрои буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳринав дар солҳои 2024-2025 мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба бартараф намудани вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида ва самараноку мақсаднок истифодабарии маблағҳои буҷетӣ чораҳои зарурӣ андешида шавад;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои ноҳияро зарур аст, ки бинову иншоотҳои сохташуда, коргоҳҳои таъсисдодашуда ва таҷҳизоту техникаҳои дар доираи нақша чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2021-2025 ба бахшҳои мухталиф воридгардида, дар корхонаву муассисаҳо мақсаднок ва самаранок истифода бурда шаванд;

- бо мақсади амалӣ намудани ҳадафҳои асосии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои оянда, зимни таҳияи барнома талаботи Тартиби таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо

дар самти низоми таҳия ва пешниҳоди барнома ба инобат гирифта шуда, омилҳои мусоидаткунандаи рушд ва сарчашмаҳои маблағгузории татбиқи лоиҳаҳои барнома дақиқ муайян карда шавад;

- бо мақсади ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ корҳо дар самти рушди тарбия ва маърифати экологӣ тақвият дода шавад;

- баҳри дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.06 соли 2023 №586 “Доир ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ва бо мақсади амалигардонии Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2025, № АП 815 “Дар бораи солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” тадбирҳои зарурӣ андешида шавад;

- аз идоракунии нодуруст ва ноустувори молияи давлатӣ худдорӣ намуда, ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд дар раванди иҷрои буҷетҳо роҳ надода, нигоҳдорӣ ва истифодабарии маблағҳои нақди гардони хазинавиро, ки барои танзими касри муваққатии буҷетҳо ҳамчун фишанги асосии идоракунӣ пешбинӣ мегарданд, дар доираи талаботҳои мавҷуда амалӣ намоянд;

- маблағи барқарор нагардидаи вайронкунии қоидаҳои молиявии муайянгардида аз ҳисоби Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия 41,6 ҳазор сомонӣ ба суратҳисоби дахлдори КВД БД ҶТ “Амонатбонк” барқарор карда шавад;

- тибқи муқаррароти Қонун “Дар бораи хазинадорӣ” маблағҳои ба буҷет саҳван воридшуда, ки ба даромади буҷети маҳаллӣ тааллуқ надоранд, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ба суратҳисобҳои дахлдор интиқол дода шавад;

- талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳолати кам ё зиёд шудани воридоти маблағҳо ба буҷет, ки метавонад боиси 10 фоиз ё аз он зиёд тағйир ёфтани даромад аз таъиноти солонаи тасдиқшудаи буҷет гардад, риоя карда шавад;

- бо мақсади сарфанокӣ ва самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ маблағгузориҳои ташкилоту муассисаҳо дар доираи сметаи хароҷотии тасдиқгардидаи муассисаҳои буҷетӣ барои ҳар семоҳа тибқи талаботи Қонун “Дар бораи хариди давлатӣ” аз тарафи Раёсати Вазорати молия ҳангоми маблағгузории ташкилоту муассисаҳои буҷетии ноҳия маблағгузориҳо дар асоси протоколҳои тендерӣ амалӣ карда шавад;

- минбаъд моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет аз ҷумла, хароҷотҳои музди меҳнат ва маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоии буҷети маҳаллӣ аз рӯйи рақами назоратии пешниҳодгардидаи Вазорати молия тасдиқ ва ба барномаи банақшагирӣ ва иҷрои буҷети давлатӣ “SGB.net” ворид када шавад, яъне нисбат ба рақами назоратӣ кам карда нашавад;

- оид ба беҳтар намудани ҳисоботҳои хазинадорӣ, ислоҳи камбудиҳо дар идоракунии молиявӣ ва пешбурди ҳисобдории муҳосибӣ, мутобиқ ба СҲМБДТ таҳия ва пешниҳод намудани ҳисоботҳои молиявии солона ва давравӣ, инчунин ҷиҳати кам кардани маблағи қарзҳои дебиторӣ ва таъмини хароҷоти мақсадноки маблағҳои пешбинишудаи буҷетӣ тадбирҳои амалӣ андешида шавад;

- дар муассисаҳои соҳаи маориф ҳисоб ва пардохти музди меҳнати кормандон тибқи талаботи “Тартиби пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи маориф” бароҳ монда, муқаррароти Қонун “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” риоя карда шуда, дар охири солҳои молиявӣ ҷиҳати ба амал баровардани қарзҳои дебиторию кредиторӣ роҳ дода нашавад.

- музди меҳнати кормандони муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, аз рӯйи талаботи Дастурамал “Оид ба тартиби таъин ва пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои давлатии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба роҳ монда шавад.

- аз ҷониби масъулини бахши фарҳанг талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи андозаи иловапулӣ барои якҷоякунии касбҳо” ва Дастурамал “Оид ба тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои соҳаи фарҳанг” риоя карда шавад.

- ҷиҳати ислоҳ ва пешгирӣ намудани камбудиҳо дар хароҷоти маблағҳо барои корҳои таъмиру сохтмон ва дуруст ба роҳ мондани назорати дохилиидоравии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, минбаъд қабули ҳаҷми корҳои таъмиру сохтмонии иҷрогардидаро танҳо дар асоси нархномаҳо, дастурамалҳо ва дигар санадҳои меъёрии аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмон таҳиягардида амалӣ карда шавад.

- оиди ба куллӣ беҳтар намудани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, ислоҳи камбудиҳо дар идоракунии молиявӣ ва пешбурди ҳисобдории муҳосибӣ, инчунин ҷиҳати кам кардани маблағи қарзҳои дебиторию кредиторӣ ва дуруст инъикос намудани дороиҳо, уҳдадориҳо ва дигар амалиётҳо дар ҳисоботи маҷмӯии буҷети маҳаллӣ чораҳои мушаххас андешида шавад.

- сатҳи масъулияти шахсонеро, ки ба вайронкунии қоидаҳои молиявӣ роҳ додаанд муайян намуда, нисбати онҳо чораҳои саривақтӣ андешанд.

Сараудитор Ҳасанзода А.С.